**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати кори диссертатсионии Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Ба ҳамагон маълум аст, ки асоси фаъолияти ташкилотҳои экстремистиро суиқасд ташкил дода, терроризмро ҳамчун воситаи асосии муборизаҳои сиёсӣ ва тарҳи идеологӣ барои ба ҳадаф расиданашон фаъолона истифода мебаранд. Дар олами сиёсии ҷаҳони муосир он ба сифати шабакаҳои дарбаргирандаи фарогири миллӣ баромад менамояд. Солҳои охир амалҳои суиқасдчигӣ дар чаҳон ру ба афзоиш ниҳода, мубориза бар зидди онхо амалиётҳои нав ба навро дар бар гирифта ба яке аз омилҳои махсусгардонидашудаи таъсирбахшӣ ба давраи муносибатҳои ҷаҳонӣ ва оромии сиёсии ҷамъият ҷомеа мубаддал гаштааст.

Дар доираи автореферати рисолаи номзадӣ дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» довталаби дараҷаи илмӣ Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович бар он кӯшиш кардааст, ки вазъи назариявии пайдоиш ва густариши терроризмро дар таҷрибаи системаи сиёсии ҷаҳонӣ ва давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқ қарор дода, ба вазъияти амалии он баҳои дурусти илмӣ диҳад.

Мавриди бараси ва таҳлили ҳамаҷониба намудани суиқасд (терроризм) ва амалҳои террористӣ ва қиёси он бо давраҳои пешинаи пайдоишӣ терроризм, шаклҳои дарбаргиранда ва амалишавии он ва воситаҳои таъмини суботи сиёсии ҷамият аз терроризм ба сифати масъалаҳои асосии таҳқиқшаванда баромад менамояд. Мубрамияти масъалаи номбурдашуда ба ақидаи диссертант бар он маъно интишор мешавад, ки дар айни вақт суиқасдчигӣ (терроризм) ба худ ҳолатҳои нав ба навро

касб намудааст, ки аз терроризми давраҳои гузашта дар дигаргунӣ қарор дорад. Дар раванди ҳалли масоилӣ рӯзмарра таҳқиқи терроризм ва пешгири кардани воситаҳои амалии мубориза ба он мувофиқи мақсад мебошад.

Дар автореферати кори диссертатсионии Ҷ. А. Мадвалиев навигарии илмии тадқиқот бо кушода шудани асосҳои назариявию методологии омӯзиши масъалаҳои терроризм, мавриди тадқиқ, пайдоиши ифротгароӣ ва тундгароӣ ва ба ҳайси террор дар амал татбиқшавии онҳо ба назар мерасад.

Рисолаи мазкур нахустин кори илми -тадқиқотие мебошад, ки ба масоили таъмини суботи сиёсӣ аз рафторҳои номатлуб, аз он ҷумла терроризм ва амалҳои суиқасдчигӣ ва шаклу намудҳои мубориза ба онро дарбар мегирад. Муаллифи рисола ҳадафмандона ба он кӯшиш додааст, ки аҳамияти илмиву назариявӣ ва амалии тадқиқи масоили ифротгароӣ ва тундгароиро дар робита бо терроризм дақиқ намуда, баррасӣ ва омӯзиши зербино ва омилҳои иҷтимоиву сиёсии пайдоиши терроризм, ки ба оромии ҷомеа халал мерасонанд, чун ҳодисаи илми сиёсӣ баҳогузори карда шавад.

Аҳамияти илмии рисола дар ақида ва пешниҳодҳои муаллиф, ки дар рисола дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳо дарҷ гардидаанд, ҳаматарафа инъикос мегардад. Муаллиф дар асоси таҳқиқи масъалаҳои назариявию консептуалӣ ба вазъи пайдоиш ва зоҳиршавии суиқасд (террор) ва терроризм, раванди таърихии ташаккули он, даврабандӣ ва дигаргунсозии хусусиятҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизмҳои таъмини амният ва суботи сиёсии ҷомеа фикрронӣ намуда, тавсияҳои асоснокшудаи илмиро пешниҳод менамояд, зеро чунин тарзи таҳқиқи масъала ҳадафҳоиасосноки илмиву назариявиро касб менамояд.

Аҳамияти амалии рисола бо ба инобат гирифтани тавсияҳои диссертант дар протсеси таълими фанҳои ҷамъиятӣ, махсусан таърихи

муосири Тоҷикистон, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва ҷомеашиносӣ айни муддаост. Дар раванди таҳия ва қабули консепсияҳои назариявӣ ва амалӣ бо мақсади муайян намудани зоҳиршавии терроризми муосир ва таъсири он ба рушди Тоҷикистон, тайёр намудани дурнамои тарҳи мубориза фаъолияти зиддитеррористӣ бо ба инобат гирифтани рушди низоми иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву идеологии кишвар пешниҳодҳои муаллиф аҳамияти амалии худро илман тасдиқ менамояд.

Пешниҳод оиди истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз нуктаҳои зерин иборат мебошанд: дар низоми самараноки фаъолияти зиддитеррористӣ муайян кардани мафҳумҳои «террористи хориҷӣ» ва «террористи дохилӣ» ҳамчун субъекти конкрет ва муайян намудани ҳадафҳои суиқасдчигии онон, пурратар гардонидани чораҳои пешгиринамоии зуҳуроти терроризм ҳамчун фаъолияти зиддитеррористӣ, ҷамъоварии маълумоти инфиродӣ, таҳлилу ташхиси онҳо, муайян намудани нишонаҳои шубҳаноки онхо ва муайян кардани ширкати бавоситаи шахс дар шабакаҳои гуногуни террористӣ, таҳлилу баррасии махсусиятҳои фаъолияти зиддитеррористии кишварҳои гуногун ва муносибати онҳо бо суиқасдчигӣ (терроризм) ва амалҳои суиқасдчиёна бо назардошти манфиатҳои миллию ҳаммарзӣ, ҷустуҷӯ ва ошкор намудани сохторҳои пинҳонкори террористӣ, ҷоннок намудани ҳамкории мақомотҳои низомӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тавассути онҳо ба даст овардани ахборот дар бораи кирдорҳои шубҳаангези шаҳрвандони кишвар, муайян кардани ҷараёнҳои идеявии экстремистӣ ва радикалистӣ ҳамчун ҷанбаи терроризм, пешгирии роҳи чунин тамоюлот ва эътирофи терроризм ҳамчун фаъолияти зиддитеррористӣ мебошад.

Пешниҳодҳои муаллиф дар 12 мақолаҳои илмӣ баён гардида, аз он ҷумла 7 мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шуданд, ки ҳамаи масъалаҳои тадқиқгардидаи рисоларо фарогир мебошанд.

Тартиби омодагардии автореферати диссертатсия ба талаботи барасмиятдарории диссертатсия ба рӯи дархости КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Тартиби омодагардии автореферати диссертатсия ба талаботи барасмиятдарории диссертатсия ба рӯи дархости КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Автореферати рисолаи диссертатсионӣ аз мавқеи илмҳои сиёсӣ чун маҳсули кори илмие мебошад, ки суиқасдчигӣ (терроризм) ва таъсири онро ба низоми сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор додааст. Методологияи тадқиқу таҳлили терроризм ва амалҳои террористӣ, моҳияти иҷтимоии онҳо, омилҳои асосӣ ва махсусияти зоҳиршавии онҳо ҳамаҷониба таҳлил ёфта, асосҳои илмиву назариявиро доро мебошанд. Муаллифи рисола моҳияти сиёсию илмии мавзӯи интихобгардидаро бо зарурати дарки назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ ҳамаҷониба нишон додааст. Дар вазъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи натиҷаҳои тадқиқот аҳамияти ҳамаҷониба дорад.

Автореферати рисола дар асоси маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври муфассал таҳлил гардида, мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Рисолаи диссертатсионӣ дар сатҳи баланди талаботи ҷомеа ва навгониҳоро дошта, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Муқарризи илмӣ, номзади илмҳои
таърих, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
МТҒ "Донишкадаи тиббӣ- иҷтимоии
Тоҷикистон" Сабуров А.З

734025, ҶТ, ш. Душанбе, к. Клара Сеткина 2
asaburi66@mail.ru тел. 935244259
Имзои А.З. Сабуровро тасдиқ мекунам.
и.в.Сардори шуъбаи кадрҳои
МТҒ "Донишкадаи тиббӣ- иҷтимоии
Тоҷикистон" Ҳусейнова М.М

ШУЪБАИ КАДРҲО

15.04.2024